# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## БАРӮЙХАТГИРИИ АҲОЛӢ ВА ФОНДИ МАНЗИЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2020

# ДАФТАРЧАИ ҚАЙДИ ДАСТУРДИҲАНДА-НАЗОРАТЧӢ ДАР МАҲАЛҲОИ ДЕҲОТ

**Душанбе – 2020**

# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## БАРӮЙХАТГИРИИ АҲОЛӢ ВА ФОНДИ МАНЗИЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2020

*Шакли 6-деҳотӣ*

Бо фармоиши Агентии омори
назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «      » августи с. 2020 №
тасдиқ шудааст

# ДАФТАРЧАИ ҚАЙДИ ДАСТУРДИҲАНДА-НАЗОРАТЧӢ ДАР МАҲАЛҲОИ ДЕҲОТ

Вилоят ____________________________________________________________

Ноҳия _____________________________________________________________

Маҳалли шаҳрӣ _____________________________________________________

Ноҳияи дохилишаҳрӣ_________________________________________________

**ҚИТЪАИ ДАСТУРДИҲИИ №_____**

Насаб, ном, номи падари дастурдиҳанда-назоратчӣ__________________________

___________________________________________________________________

Суроғаи қитъаи дастурдиҳӣ _____________________________________________

___________________________________________________________________

№ тел. ______________________________

**ШУЪБАИ БАРӮЙХАТГИРИИ №_____**

Насаб, ном, номи падари мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ______________________

___________________________________________________________________

Суроғаи шуъбаи барӯйхатгирӣ___________________________________________

___________________________________________________________________

№ тел. _____________________________

**МУНДАРИҶА**

**I. ТАШКИЛИ КОРИ ДАСТУРДИҲАНДА-НАЗОРАТЧӢ ..................4**

**1. Вазифаҳои дастурдиҳанда-назоратчӣ ..............................................4**

**2. Нақшаи тақвимии корҳои дастурдиҳанда-назоратчӣ.........................5**

**3. Омӯзиши дастурдиҳанда- назоратчӣ ................................................6**

**4. Вазифаҳои дастурдиҳанда- назоратчӣ то даврзании пешакӣ ............6**

**5. Даврзании пешакӣ .................................................................................8**

**6. Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил (аз 1 то 15 октябри соли 2020)9**

**7. Назорати ҳаррӯза ..................................................................................10**

**8. Қабули варақаҳои барӯйхатгирӣ аз ҳисобчиён ..................................11**

**9. Даврзании назоратӣ ..............................................................................12**

**10. Марҳилаҳои анҷомёбӣ ..........................................................................15**

**II. НИШОНДОДҲО ОИДИ ПУР КАРДАНИ РӮЙХАТИ ҶАМЪБАСТӢ –ҶАДВАЛИ 4 АЗ РӮИ ҚИТЪАИ ДАСТУРДИҲӢ ..........16**

**III. МУЛОҲИЗА ВА ПЕШНИҲОДҲОИ ДАСТУРДИҲАНДА - НАЗОРАТЧӢ.......................................................................................26**

# I. ТАШКИЛИ КОРИ ДАСТУРДИҲАНДА-НАЗОРАТЧӢ

## 1. Вазифаҳои дастурдиҳанда-назоратчӣ

Корҳои асосие, ки аз тарафи дастурдиҳанда-назоратчӣ иҷро мешавад:

1. Омӯзиши ҳамаи маводҳои дастурдиҳӣ;

2. Ташкили гузаронидани барӯйхатгирии

аҳолӣ ва фонди манзил дар қитъаи дастурдиҳии худ ва иҷрои саривақтии ҳамаи марҳилаҳои корҳо:

- пур кардани дафтарчаҳои қайди ҳисобчиён;

-ҷобаҷогузории ҳисобчиён ба қитъаҳои ҳисобгирӣ, таъминкунии онҳо бо ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирӣ ва маводҳои таъиноти моддию хоҷагӣ;

-тафтиш намудани сарҳади қитъаи дастурдиҳӣ бо дигар қитъаҳои дастурдиҳӣ;

- аз тарафи ҳисобчиён гузаронидани даврзании пешакии манзилҳо;

- тафтиши дуруст гузаронидани пурсиши аҳолӣ аз тарафи ҳисобчиён;

- тафтиш ва пур кардани варақаҳои ҳамроҳии шакли 4;

- қабули маводҳои пуркардашуда аз ҳисобчиён ва ҷавобгарӣ ба нигоҳдории онҳо;

- ҳисоби ҷамъбастҳо аз рӯи қитъаи дастурдиҳӣ ва супоридани маводҳо ба мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ.

3. Роҳбарии ҳаррӯза ва назорат ба рафти корҳои ҳамаи ҳисобчиёни қитъаҳои ҳисобгирии асосӣ ва ҳисобчиёни қитъаҳои муассисаҳои дорои аҳолии сайёр буда, тафтиши ҳуҷҷатҳои пуркардашудаи барӯйхатгирии аҳолӣ;

4. Тафтиши дурустии пур кардани варақаҳои барӯйхатгирӣ (шаклҳои 1, 1М, 2, Замима ба шакли 2, 3 ва 4), алоқамандии мантиқии саволҳои варақаҳои баӯйхатгирӣ;

5. Андешидани тадбирҳо оиди таъмини бехатарии корҳои ҳисобчиён ва нигаҳдории маводҳои барӯйхатгирии аҳолӣ;

6. Ҳисоботи ҳаррӯза ба мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ, ки кори дастурдиҳанда-назоратчиро роҳбарӣ ва назорат мекунад, дар бораи ҳаҷми корҳои иҷрошудаи ҳар як ҳисобчӣ, душвориҳои ба амал омада ва

ҳолатҳои баҳсталаб, пешниҳоди ахборотҳои таъҷилии зарурӣ ба шуъбаи барӯйхатгирӣ;

7. Паҳн накардани махфияти ахборот дар бораи аҳолӣ, ки дар рафти гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ба даст оварда мешаванд;

8. Ба аҳолӣ фаҳмондани мақсад ва вазифаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил;

Дастурдиҳанда-назоратчӣ барои сари вақт ва дуруст ташкил кардани корҳои тайёрӣ ба барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 дар қитъаи худ масъул буда, дар пурра бо барӯйхатгирӣ фаро гирифтани истиқоматкунан-дагони ҳудуди қитъаи худ, аз тарафи ҳисобчиён дуруст гузаронидани пурсиши аҳолӣ ва ҷамъоварии маълумотҳо дар бораи аҳолӣ, дар сифатнок пуркунии маълумотҳои барӯйхатгирӣ ва ҳимояи махфиятии ахборотҳои ба даст овардашуда ҷавобгӯ мебошад.

Барои таъмини шартҳои махфиятии маълумотҳодастурдиҳанда-назоратчӣ бояд аз ҳисобчиён нигоҳдорӣ ва ҳимояи варақаҳои пуркардашудаи барӯйхатгириро дар биноҳои посбонишавандаи қитъаҳои дастурдиҳӣ талаб намуда, оиди манъ будани паҳнкунии маълумотҳои ҷамъоваригардида онҳоро хотиррасон мекунад.

## 2. Нақшаи тақвимии корҳои дастурдиҳанда-назоратчӣ

**Дастурдиҳанда-назоратчӣ ба мӯҳлати 35 рӯз (бо дарназардошти омӯзиш) ба кор қабул карда мешавад:**

**Дастурдиҳанда-назоратчӣ вазифадор аст:**

**- аз 16 то 19 сентябри соли 2020** аз дастурдиҳӣ ва санҷиши дониши пур кардани маводҳои барӯйхатгирии аҳолӣ гузарад;

**- аз 21 то 22 сентябри соли 2020** бо сарҳадҳои қитъаи худ шинос шуда, дафтарчаҳои қайди ҳисобчиёни қитъаи худро пур намояд, маводҳои барӯйхатгириро аз рӯи қитъаҳои ҳисобгирии худ ҷобаҷо ва тақсим намояд, дар гузаронидани дстурдиҳиҳо ва санҷиши дониши ҳисобчиён иштирок намояд;

**- аз 28 то 30 сентябри соли 2020** гузаронидани даврзании пешакии биноҳо ва ба ҳисобчиён тақсими маводҳои барӯйхатгириро ташкил намояд;

**- аз 1 то 15 октябри соли 2020** гузаронидани **барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзилро** дар қитъаи худ ташкил намояд, равиши дурусти гузаронидани пурсишҳои аҳолиро дар қитъаҳои ҳисобгирии асосӣ назорат карда, аз тарафи ҳисобчиҳо пур кардани ҳуҷҷатҳои барӯйхатгириро тафтиш намояд;

**- 16 октябри соли 2020 аз ҳисобчиён ҳуҷҷатҳои барӯйхатгириро қабул намояд;**

**- аз 18 то 20 октябр** дар ҳар як қитъаи ҳисобгирӣ даврзании назоратии интихобии биноҳоро гузаронад;

**- аз 21 то 22 октябри соли 2020** ҳамаи маводҳои барӯйхатгириро ба мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ супорад.

Дастурдиҳандиҳанда-назоратчӣ бояд Дастурамал дар бораи тартиби гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 ва пур кардани ҳуҷҷатҳои барӯйхатгириро (давом аз рӯи матн – Дастурамал) пурра омӯзад, ҳамаи вазифаҳои ҳисобчиро нағз донад ва онҳоро иҷро карда тавонад. Иҷрои дақиқи вазифаҳои худ ба дастурдиҳанда – назоратчӣ имкон медиҳад, ки саривақт ва бомуваффақият барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзилро дар қитъаи худ гузаронад.

## 3. Омӯзиши дастурдиҳанда- назоратчӣ

**Дар давоми 4 рӯз (аз 16 то 19 сентябри соли 2020)** дастурдиҳанда-назоратчӣ аз омӯзиш мегузарад. Баъд аз анҷоми омӯзиш ва дар ҳолати ноил шудан ба натиҷаи мусбат, дастурдиҳанда-назоратчӣ аз мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ шаҳодатномаи кормандони барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020, нақшаи схематикии қитъаи дастурдиҳӣ (деҳаҳои калон), қитъаҳои ҳисобгирӣ, **дафтарчаи қайди дастурдиҳанда – назоратчӣ**, ки дар ҷадвали 1-и он ҳайати қитъаи дастурдиҳӣ сабт гардидаасту аз тарафи мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ пур карда шудааст, қабул менамояд.

## 4. Вазифаҳои дастурдиҳанда- назоратчӣ то даврзании пешакӣ

То саршавии даврзании пешакӣ (то 27 сентябр) дастурдиҳанда-назоратчӣ бояд:

1. Якҷоя бо мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ ва дастурдиҳанда-назоратчиёни қитъаҳои ҳамсоя бо сарҳадҳои қитъаи худ бо роҳи даврзании ҳудудҳои вай шинос шавад.

2. Аз мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ дафтарчаи қайди дастурдиҳанда-назоратчӣ ва дафтарчаҳои қайди ҳисобчиёнро қабул намояд.

3. Аз мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ ҳуҷҷатҳои барӯйхатгириро қабул намуда, ба мавҷудияти шумораи зарурии онҳо боварӣ ҳосил менамояд: дафтарчаҳои қайди ҳисобчиён, шаклҳои 1, 1-М, 2, Замима ба шакли 2, 3 ва 4 маълумотнома дар бораи аз барӯйхатгирӣ гузаштан, варақаҳои ҳамроҳии шакли 4, Дастурамал дар бораи тартиби гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тарзи пур кардани ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирӣ, карточка - рӯйхат дар бораи сарчашмаҳои васоити зиндагӣ, мактуб ба ашхоси дар хона ёфтанашон душвор, шаҳодатномаи ҳисобчӣ, нақшаи схематикии қитъаи дастурдиҳӣ ва қитъаҳои ҳисобгирии ба он дохилбуда, ашёҳои идоравӣ, ҷузвдон (сумка) барои ҳисобчиён.

**4. Ҷадвали 1 "Рӯйхати деҳаҳое, ки ба қитъаи ҳисобгирӣ дохил мешаванд"- ро дар дафтарчаи қайди ҳисобчӣ дар асоси қайдҳои ҷадвали 1-и дафтарчаи қайди дастурдиҳанда- назоратчӣ санҷида мебарояд. Сутунҳои 8 - 11 аз тарафи дастурдиҳанда- назоратчӣ пур карда намешаванд.**

Варақаҳои шаҳодатномаҳои кормандони барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 ба дастурдиҳанда- назоратчӣ бо имзо, қатъиян аз рӯи рӯйхат, баъди бастани шартнома ба ҳисобчиён дода мешаванд, ки дар онҳо: рақами шаҳодатнома, ному насаб, вазифаи корманди муваққатӣ, рақам ва силсилаи (серияи) шиносномаи корманд дароварда мешаванд.

5. **Ҷадвали 2 "Рӯйхати ҳисобчиёни қитъаи дастурдиҳӣ"**-и дафтарчаи қайди дастурдиҳанда- назоратчиро пур менамояд, ки дар он маълумотҳои мушаххас дар бораи ҳисобчиён бо нишон додани синну сол, маълумот, ҷои кор ва суроғаи ҷои зисти онҳо нишон дода шудаанд.

6. Дастурдиҳанда-назоратчӣ пас аз қабул намудани маводу ашёҳои зарурии барӯйхатгирӣ аз мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ, вазифадор аст ҷадвали **1 "Таъминоти ҳисобчиён бо маводҳои барӯйхатгирӣ"**-ро пур намояд.

7. Ҷузвдонҳоро (сумкаҳоро) аз рӯи ҳар як қитъаи ҳисобгирӣ тайёр намуда, дар қисми асосии он бо тартиби муайян ҳуҷҷатҳои зарурии барӯйхатгирӣ (шаклҳои 1, 1М, 2, Замима ба шакли 2, 3, маълумотнома дар бораи гузаштан аз барӯйхатгирӣ, варақаҳои ҳамроҳии шакли 4, Дастурамал дар бораи тартиби гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои пуркардашудаи барӯйхатгирӣ), дар кисаи ҷузвдон (сумка) - варақа бо номгӯи манбаъҳои васоити зиндагӣ, мактуб ба паҳлӯи ҷузвдон (сумка) гузошта мешавад.

Қисми болоии тамғаи пуркардашуда, ки он аз тарафи дастурдиҳанда- назоратчӣ пур карда мешавад ба кисаи паҳлӯи ҷузвдон (сумка) гузошта мешавад.

8. Иштирок намудан дар тафтиши дониши ҳисобчиёни қитъаи дастурдиҳии худ бо мудирони шӯъбаҳои барӯйхатгирӣ ва ёрдамчиёни онҳо.

9. Ҳисобчиёнро бо сарҳадҳои қитъаҳои ҳисобгирӣ **аз 28 то 30 сентябр** шинос намудан.

10. Ҳисобчиёнро бо дафтарчаҳои қайди ҳисобчӣ бо ҳамон фаслҳои пуркардашудае, ки бояд дастурдиҳанда – назоратчӣ пур кунад, бо нақшаҳои схематикии қитъаҳои ҳисобгирӣ, ашёҳои канселярӣ таъмин намояд ва шаҳодатномаи корманди барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 - ро бо имзои ҳисобчӣ қатъиян аз рӯи рӯйхате, ки аз бастани шартнома дар он рақами шаҳодатнома, ному насаб, вазифа рақам ва силсилаи (серия) шиносномаи корманд дохил мегардад, медиҳад.

**Аз тарафи дастурдиҳанда- назоратчӣ ба ҳисобчӣ хабар додани маълумотҳо дар бораи шумораи аҳолӣ аз рӯи қитъаи ҳисобгирӣ қатъиян манъ аст.**

## 5. Даврзании пешакӣ

**Аз 28 то 30 сентябр дастурдиҳанда - назоратчӣ** бояд аз тарафи ҳисобчиён гузаронидани даврзании пешакии ҳамаи биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, квартираҳое, ки дар онҳо аҳолӣ метавонад истиқомат кунад, таъмин намояд, кори ҳар як ҳисобчиро назорат кунад

ва диққати асосиро ба сифатнок пур кардани дафтарчаҳои қайди ҳисобчиён равона намояд.

Дастурдиҳанда – назоратчӣ бояд ба ҳисобчиён дар кори ба даст овардани маълумотҳои зарурӣ аз шахсоне, ки бо сабабҳои гуногун аз барӯйхатгирӣ саркашӣ мекунад, ёрӣ расонад. Дар ин ҳолатҳо дастурдиҳанда – назоратчӣ метавонад ба манзилҳои истиқоматӣ ташриф биёрад (ё ин ки бо истиқоматкунандагон ба воситаи телефон мурочиат кунад), ба онҳо зарурати барӯйхатгириро фаҳмонда кӯшиш кунад, ки онҳоро аз муҳим будани барӯйхатгирӣ ва дар он иштирок намудан бовар кунонад. Дар ҳолати такроран саркашӣ кардан метавонад ба ҳамсояҳо ё ба ҳамон ташкилоте, ки бино (хона) ба он таалуқ дорад, мурочиат намояд, то ин ки онҳо барои гузаронидани даврзании пешакӣ ва минбаъд барои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ кӯмак расонанд.

Баъд аз анчомёбии даврзании пешакӣ дар дафтарчаҳои қайди ҳисобчиён шумораи хонаҳои истиқоматии аз тарафи ҳисобчӣ ҳангоми даврзании пешакӣ муайяншуда, ки дар чадвали 1 "Рӯйхати деҳаҳое, ки ба қитъаи дастурдиҳӣ дохил мешаванд", навишта шудаанд, тафтиш мекунад.

## 6. Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил (аз 1 то 15 октябри соли 2020)

То ба қитъаҳои худ баромадани ҳисобчиён, дастурдиҳанда-назоратчӣ чузвдонро (сумкаро) бо варақаҳои барӯйхатгирӣ ба ҳисобчиён тақсим менамояд, бо онҳо машварати кӯтоҳ мегузаронад, ҳолатҳои асосии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020, тартиби пур кардани ҳуччатҳои барӯйхатгирӣ ва зарурати риояи қоидаҳои бехатарии шахсии онҳоро мефаҳмонад.

Ҳамарӯза тафтиш менамояд, ки оё ҳамаи ҳисобчиён ба барӯйхатгирӣ оғоз намудаанд. Агар нафаре аз ҳисобчиён ба кор набаромада бошад, сабабашро муайян мекунад, дар ин бора мудири шуъбаи барӯйхатгириро огоҳ намуда, барои аз ҳисоби захиравӣ иваз кардани ҳисобчӣ тадбирҳо меандешад. Дастурдиҳанда - назоратчӣ ҳисобчии нав омадаро, ки чои ҳисобчии рафтаро иваз мекунад, бо сарҳадҳои қитъа ошно намуда, вазифаҳои ӯро мефаҳмонад.

Дар давоми ҳама рӯзҳо дастурдиҳанда-назоратчӣ бояд ҳуччатҳои аз тарафи ҳисобчӣ пуркардашударо санчида, дар охири рӯз якчоя бо

онҳо хатогиҳои ҳангоми пур кардани ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирӣ роҳ додаро муҳокима карда, ба онҳо ҳамон қоидаҳои барӯйхатгириро, ки аз худ карда нашудаанд, мефаҳмонад. Диққати махсус бояд ба дурустии гузаронидани пурсиши аҳолӣ (дуруст тартиб додани саволҳо ва пайдарҳамии онҳо дар мувофиқати аниқ бо ҳуҷҷатҳои барӯхатгирӣ ва пур кардани варақаҳои барӯйхатгирӣ), инчунин дар истифодаи **танҳо ручкаҳои махсуси бо ранги сиёҳ ҷудокардашуда,** дуруст ва бехато гузоштани аломатҳо ва навиштани рақамҳо дода шавад.

Ҳангоми тафтиши дурустии пур кардани ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирӣ диққати асосиро ба риояи алоқамандии мантиқии байни саволҳо равона намудан зарур аст.

**Дастурдиҳанда- назоратчӣ ҳамарӯза шумораи аҳолие, ки дар рӯйхати ҷамъбастӣ аз рӯи ҳар як маҳалли аҳолинишин дар ҷадвали 2-и дафтарчаи қайди ҳисобчӣ дар сутунҳои 10 ва 13 нишон дода шудааст, бо шумораи аҳолие, ки дар сутуни 8-и ҷадвали 1-и дафтарчаи қайди ҳисобчӣ нишон дода шудааст, муқоиса намояд. Дар ҳолати ошкор намудани фарқият сабаби онро муайян намуда,ислоҳотҳои заруриро дарорад.**

## 7. Назорати ҳаррӯза

Дар рӯзҳои аввали барӯйхатгирӣ дастурдиҳанда- назоратчӣ вазифадор аст, ки барои ба хатогиҳо роҳ надодан дар рӯзҳои минбаъдаи барӯйхатгирӣ, дурустии гузаронидани пурсиши аҳолиро аз тарафи ҳар як ҳисобчӣ бевосита дар ҳар як бинои истиқоматӣ тафтиш намояд.

Дар рафти тамоми давраи корҳои ҳисобчиён дастурдиҳанда-назоратчӣ бояд ҳамаи чораҳои заруриро барои таъмини шароитҳои муносиб ва бехатарии корҳо андешад. Дар ҳолатҳои зарурӣ ба мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ барои расонидани ёрии таъҷилӣ аз тарафи кормандони мақомотҳои корҳои дохилӣ, маъмурият, хоҷагиҳои истиқоматӣ- коммуналӣ, мақомотҳои худидораи маҳаллӣ, муроҷиат намояд.

**Дар давраи барӯйхатгирии аҳолӣ (аз 1 то 15 октябр)** дастурдиҳанда – назоратчӣ бояд:

- аз ҳар ҳисобчӣ талаб намояд, ки ҳар рӯз ба қитъаидастурдиҳӣ бо мақсади супоридани маводҳои барӯйхатгирӣ барои санҷиши онҳо, нигоҳдории ҳуҷҷатҳои пуркардашудаи барӯйхатгирӣ ҳозир шавад;

- дурустии пур кардани варақаҳои барӯйхатгирӣ, дафтар-чаи қайди ҳисобчӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоро дар мувофиқаи қатъӣ бо нишондодҳои асосии методологӣ ва ташкилии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020, дастурамалҳо ва қоидаҳоро тафтиш намояд.

- ҳамарӯза дар бораи шумораи аҳолии барӯйхатгирифташуда ба мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ ахборот диҳад;

- гузаронидани баробарҳаҷмии пурсишҳоро назорат кунад (шумораи шахсоне, ки ба ҳисоби миёна ҳисобчӣ ҳаррӯза бояд пурсиш гузаронад).

Ҳамаи ҳолатҳои мантиқан пайваст набудани ҷавобҳоро ба саволҳои алоҳидаи варақаҳои барӯйхатгирӣ, ки ҳангоми тафтиш ошкор мешаванд, якҷоя бо ҳисобчиён бо мақсади дар оянда такрор нашудан, муҳокима намояд.

**Агар қоидаҳои пуркунӣ баҳсталаб набошад, он гоҳ дар тарафи рости қисми болоии шакли 1 “Рӯйхати истиқоматкунандагони бино“, ки дар он варақаҳои барӯйхатгирӣ гузошта шудаанд, имзо гузоштан зарур аст. Дар ҳолати дар варақаҳои барӯйхатгирӣ маълум гардидани хатогиҳо ё навиштаҷотҳои нопурра, ҳисобчӣ бояд вазифадор карда шавад, ки ба манзили мазкур такроран равад, ё бо истиқоматкунандагони он манзил ба воситаи телефон муроҷиат намуда, навиштаҷотҳоро муайян ё пурра намояд.**

## 8. Қабули варақаҳои барӯйхатгирӣ аз ҳисобчиён

**Дар ҳолати анҷомёбии барӯйхатгирии аҳолӣ, на дертар аз 16 октябри соли 2020 дастурдиҳанда - назоратчӣ аз ҳисобчиён маводҳои барӯйхатгириро қабул менамояд.**

Дар ин ҳолат ҳатман иҷро намудан зарур аст:

- тафтиш намудани дурустии ҳисоби ҷамъбасти ҷадвалҳои 1 ва 2 –и дафтарчаи қайди ҳисобчиён;

- шумораи шахсони дар шакли 1 “Рӯйхати истиқоматкунандагони бино” навишташуда бо шумораи шахсони ба шакли 2 дохил гардида,

инчунин бо шумораи шахсоне, ки **дар сутуни 13- и ҷадвали 2- и дафтарчаи қайди ҳисобчӣ** нишон дода шудааст, муқоиса карда шавад.

Дар ҳолате, ки агар шумораи шахсон дар шакли 1 “Рӯйхати истиқоматкунандагони бино” навишташуда бо шумораи дар дафтарчаи қайд нишондодашуда баробар бошад, вале бо шумораи варақаи барӯйхатгирии шакли 2 навишташуда мувофиқат накунад, аниқ кардани маълумотҳо аз рӯи ин манзил (телефонӣ ё ҳангоми даврзании назоратӣ ) ва ё пур кардани варақаи барӯйхатгирӣ (агар шахс ҳангоми пурсиш аз назар ғоиб монда бошад), ё соқит кардани (баровардани) шахс аз шакли 1 ва дафтарчаи қайд зарур мебошад. Агар шумораи шахсоне, ки ба онҳо варақаҳои барӯйхатгирӣ тартиб дода шудааст ба навиштаҷотҳои дафтарчаи қайд мувофиқат накунад, **дар сутуни 10-и ҷадвали 2-и дафтарчаи қайди ҳисобчӣ** эзоҳот даровarда шавад;

- шумораи варақаҳои барӯйхатгирии пуркардашуда (шаклҳои 1, 1М, 2, Замима ба шакли 2, 3 ва 4)-ро ҳисоб намуда, бо ҷамъбаст аз рӯи қитъаи ҳисобгирӣ муқоиса намудан;

- пур кардани варақаи ҳамроҳӣ (шакли 4**) дар ҳолати зарурӣ агар дар деҳаҳои калон хонаи бисёрквартирадори ҳамин қитъаи дастурдиҳӣ ба ду ва зиёда қитъаи ҳисобгирӣ тақсим шуда бошад.**

- дар варақаи барӯйхатгирӣ (шакли 2) саволҳои 4 “Ҷои таввалуд”, 14 “ Шумо аз рӯзи тавллудатон дар маҳалли аҳолинишини мазкур доимӣ истиқомат мекунед”, 18 “Кори Шумо дар ҳудуди маҳалли аҳолинишине, ки истиқомат мекунед, ҷойгир аст”-ро тафтиш намудан лозим аст. Аз рӯи ин саволҳо танҳо яке аз гуфтаҳо (шаҳр, ноҳия ё дигар давлат) навишта мешавад;

- мавҷудияти ҳамаи варақаҳои барӯйхатгирӣ ва дуруст ҷобаҷокунии онҳоро дар сумкаҳо тафтиш намудан;

- аз рӯи ҳисоб варақаҳои барӯйхатгирии истифоданашуда ва вайроншуда, нақшаҳои схематикии қитъаҳои ҳисобгирӣ, дигар маводҳои ба ҳисобчӣ додашударо қабул намудан ва сутунҳои 11-14 –и ҷадвали 1-и дафтарчаи қайди дастурдиҳанда- назоратчиро пур кардан.

## 9. Даврзании назоратӣ

**Аз 18 то 20 октябр** дастурдиҳанда – назоратчӣ бояд даврзании назоратиро дар 10% манзилҳои истиқоматии ҳар як қитъаи ҳисобгирӣ гузаронад.

Интихоби биноҳо дар асоси рӯйхати биноҳои истиқоматӣ аз **ҷадвалӣ 2-и дафтарчаи қайди ҳисобчӣ** гузаронида мешавад ва ҳар як бинои даҳум интихоб карда мешавад.

Интихобро аз бинои якуми қитъаи ҳисобгирии якум бояд оғоз намуд. Агар баъди бинои охирини интихобкардашуда аз 10-то камтар бино монда бошад, онҳоро бояд ба рӯйхати ҳисобчии навбатӣ илова намуда, интихоби биноҳоро барои ҳамаи ҳисобчиёни қитъаи дастурдиҳии мазкур давом додан лозим аст.

Ҳангоми даврзании назоратӣ биноҳои холии истиқоматиро ҳатман тафтиш кардан лозим аст, чунки боварӣ ҳосил намудан лозим аст, ки дар онҳо ҳеҷ кас истиқомат намекунад.

Ҳангоми даврзании назоратӣ дурустии ҳисоби аҳолӣ тафтиш карда мешавад: оё шахсони ба рӯйхат гирифтанашуда ё хато навишташуда мавҷуд нестанд. Барои ин муайян карда мешавад, ки чанд нафар дар бино бояд ба рӯйхат гирифта мешуданд, мавҷудияти қайдҳо дар бораи онҳо ном бо ном бо шакли 1 “Рӯйхати истиқоматкунандагони бино” муқоиса карда мешавад, ҷавобҳо ба саволҳои баҳсталаби дар ҳолати тафтиши варақаҳои барӯйхатгирӣ пайдошуда муайян карда мешаванд.

**Ҳамаи маълумотҳо дар ҳолати ҳисоби аҳолӣ (шаби 30 сентябр ба 1 октябри соли 2020) муайян карда мешаванд. Тартиби дохил кардани тағйиротҳо дар ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирӣ ҳангоми гузаронидани даврзании назоратӣ:**

**- шахсе, ки дар ҳамин манзил бояд ба рӯйхат гирифта шавад, вале аз тарафи ҳисобчӣ ба ҳисоб гирифта нашудааст,** бояд дар охири рӯйхати шакли 1 “Рӯйхати истиқоматкунан-дагони бино” **Дар сутуни Б рақами ӯ дар ҳудуди хонавода гузошта мешавад**. Агар дар шакли 1 ду хонавода навишта шуда бошаду шахси ба рӯйхат гирифтанашуда дар ҳайати хонаводаи якум дохил шавад, он гоҳ баъди қайди ному насаби ӯ дар сутуни 1 дар қафс муносибати хешу таборӣ ба шахси якуми дар хонаводаи якум навишташуда ва ному насаби аъзои якуми ҳамин хонавода (масалан, “хоҳар” Сатторова С.) нишон дода шавад. Ба шахси ба рӯйхат гирифтанашуда варақаи алоҳидаи барӯйхатгирӣ шакли 2, ки баъди шахси охирини ҳамин манзили зист бояд гузошта шавад, тартиб дода мешавад.

Агар аз рӯи бинои мазкур дар рӯйхат ду хонавода навишта шуда бошад ва шахси ба қайд гирифтанашуда аъзои хонаводаи дуюм бошад,

он гоҳ тартиби қайди ӯ дар рӯйхат ва варақаҳои барӯйхатгирӣ чӣ тавре, ки дар боло нишон дода шудааст, ҳамон тавр навишта мешавад.

Дар ҳолати хато навиштани шахсе, ки дар бинои мазкур бояд ба қайд гирифта намешуд (масалан, ба таҳсил рафта, ба дигар ҷои истиқомат барои зиндагии доимӣ рафта ва ғ.), мебоист ин шахсон аз рӯйхат хат зада шуда, сабаби хат задани онҳоро навиштан лозим аст, масалан: "Саҳван навишта шудааст – ба таҳсил рафтааст" ва ғ. Агар шахсе, ки дар манзили мазкур бояд ба рӯйхат гирифта нашавад, вале ба ӯ варақаи барӯйхатгирӣ тартиб дода шудааст, он гоҳ он варақа хат зада шуда, бекор карда мешавад. Рақамгузории шахсонро дар рӯйхат ва варақаҳои барӯйхатгирӣ дигаргун кардан лозим нест.

Дар ҳолати ба ҳисоб нагирифтани биноҳои алоҳида, ба онҳо шакли 1 "Рӯйхати истиқоматкунандагони бино" тартибдода шуда, рақами навбатӣ дар ҳудуди қитъаи ҳисобгирӣ гузошта мешавад ва варақаҳои барӯйхатгириро пур кардан лозим аст.

Оиди ҳама шахсони ба қайд гирифтанашуда ва саҳван аз тарафи ҳисобчӣ навишташуда дар **ҷадвали 5-и** дафтарчаи қайди худ навиштаҷот гузоштан лозим аст.

Муайян намудани ҷавобҳо ба он саволҳои рӯйхати истиқоматкунандагони бино ва варақаҳои барӯйхатгирӣ, ки ҳангоми тафтиши онҳо оиди дуруст пур карда шуданашон пайдо гашта буд.

Бо ба анҷомрасии даврзании назоратӣ зарур аст:

Ислоҳ намудани маълумотҳо аз рӯи биноҳои ҳар як қитъаи ҳисобгирӣ дар ҷадвали 2 "Натиҷаҳои тафтиши кори ҳисобчиён дар давраи даврзании назоратӣ" дар асоси тағйиротҳои дар рӯйхатҳо ва варақаҳои барӯйхатгирӣ даровардашуда, ҳисоб кардани ҷамъбастҳо аз рӯи қитъа бо ҳисобгирии даврзании назоратӣ, инчунин ислоҳ кардани шумораи варақаҳои барӯйхатгирии назоратии тартибдодашуда, маълумотномаҳои ба аҳолӣ додашуда ва пур кардани **ҷадвали 5** "Рӯйхати ҷамъбастӣ аз рӯи қитъаи дастурдиҳӣ" – и дафтарчаи қайди худ, аз рӯи ҳамаи қитъаҳои ҳисобгирии қитъаи дастурдиҳии мазкур шумораи аҳолии ба рӯйхатгирифташуда бо назардошти даврзании назоратӣ нишон дода мешавад.

**То давраи гузаронидани даврзании назоратӣ дастурдиҳанда-назоратчӣ бояд шаҳодатномаҳои ҳисобчиёнро ҷамъ карда, онҳоро ба кисаи ҷузвдон (сумка) гузорад!**

## 10. Марҳилаҳои анҷомёбӣ

Дастурдиҳанда-назоратчӣ дар мӯҳлатҳои аз тарафи мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ муайянкардашуда, **на дертар аз 22 октябр** бояд ҳамаи ҳуҷҷатҳои барӯйхатгириро ба мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ супорад.

**Пеш аз супоридани** ҳуҷҷатҳо дастурдиҳанда-назоратчӣ дар ҷадвали 4 "Рӯйхати ҷамъбастӣ аз рӯи қитъаи дастурдиҳӣ"- и дафтарчаи қайди худ қайдҳоро бо роҳи муқоисаи онҳо бо ҷамъбасти дафтарчаи қайди ҳисобчиён (ҷадвали 3) тафтиш карда, ҳуҷҷатҳоро барои супоридан ба мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ омода менамояд.

Дар охири дафтарчаи қайд дар қисми "Мулоҳизаҳо ва пешниҳодҳои дастурдиҳанда-назоратчӣ", дастурдиҳанда- назоратчӣ ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии шароитҳои корро дар қитъаи дастурдиҳии худ қайд карда, эродҳоро оид ба ташкили барӯйхатгирӣ дар шуъбаи барӯйхатгирӣ; душвориҳои мушаххас, ки ҳангоми интихоби манзилҳои истиқоматӣ барои даврзании назоратӣ ба вуқӯъ омадаанд, душвориҳои ҳисобчиён ҳангоми гузоштани аломатҳо ва навиштани рақамҳо, инчунин ҳама нофаҳмиҳое, ки дар вақти пур кардани маводҳои барӯйхатгирӣ ба миён омадаанд, нишон медиҳад. Дар ин қисм оид ба беҳтар гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва барномаи он фикру ақидахои худро баён кардан мумкин аст.

Дастурдиҳанда-назоратчӣ дар охири ин қисм сана ва имзои худро мегузорад.

Дастурдиҳанда- назоратчӣ бояд дар кисаи ҷузвдони (сумкаи) қитъаи ҳисобгирии 1 дафтарчаи қайди дастурдиҳанда- назоратчӣ, шаҳодатнома, нақшаи схематикии қитъаи дастурдиҳӣ, дафтарчаи қайди ҳисобчӣ, нақшаи схематикии қитъаи ҳисобгириро (деҳаҳои калон) гузарад.

Ба мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ дастурдиҳанда- назоратчӣ месупорад:

- ҷузвдонҳои (сумкаҳои) ҳисобчиён бо маводҳои пуркардашудаи барӯйхатгирӣ;
- аз рӯи ҳисоб варақаҳои барӯйхатгирии истифоданашуда ва вайроншуда ва дигар маводҳо (дастурамалҳо ва ғ.), ки ба дар шуъбаи барӯйхатгирӣ дар мувофиқа бо қайдҳои ҷадвали 1-и дафтарчаи қайди дастурдиҳанда-назоратчӣ дода шудаанд.

## II. НИШОНДОДҲО ОИДИ ПУР КАРДАНИ РӮЙХАТИ ҶАМЪБАСТӢ –ҶАДВАЛИ 4 АЗ РӮИ ҚИТЪАИ ДАСТУРДИҲӢ

1. Рӯйхати ҷамъбастӣ аз рӯи қитъаи дастурдиҳӣ ҷадвали 4 аз тарафи дастурдиҳанда-назоратчӣ пас аз қабул кардани маводҳои барӯйхатгирӣ аз ҳисобчиёни қитъаи худ, на дертар аз 16 октябри соли 2020, пур карда мешавад.

2. Ҳангоми пур кардани **ҷадвали 4 –и дафтарчаи қайди дастурдиҳанда- назоратчӣ** дар маҳалҳои деҳот барои маҳалҳои аҳолинишини деҳот бояд дар назар дошта шавад:

2.1. Агар ба ҳайати қитъаи дастурдиҳӣ маҳалҳои аҳолинишини деҳот дохил шаванд, ки ба ҷамоати шаҳрак тобеъ мебошанд, пас ҷамъбаст аз рӯи ин маҳалҳои аҳолинишин бояд ба рӯйхати ҷамъбастии маҳалҳои деҳот дохил карда шавад.

2.2. Агар ягон маҳалли аҳолинишин ба ду ва зиёда қитъаи ҳисобгирӣ ҷудо карда шуда бошад, пас дар ҷадвали 4 дар сатри алоҳида ҷамъбаст аз рӯи ҳар як қитъаи ҳисобгирӣ навишта шуда, ҷамъбаст аз рӯи маҳалли аҳолинишин ҳисоб карда мешавад.

3. Дар қисмҳои **А** ва **Б** маълумотҳо аз рӯи қитъаҳои ҳисобгирӣ бо тартиби пайдарпаии рақамҳои қитъаҳои ҳисобгирӣ навишта мешавад.

4. Сутунҳои 3-9-и ҷадвали 4 аз рӯи ҳар як қитъаи ҳисобгирӣ бо таври навишта гирифтани маълумотҳои мувофиқи чамбастӣ аз *шакли 5-деҳотӣ* (рӯйхати ҷамбастӣ аз рӯи қитъаи ҳисобгирӣ) пур карда мешаванд. Дар қисми **А “Аз тарафи ҳисобчӣ ба ҳисоб гирифта шудааст”** маълумотҳои сатри **“ Аз тарафи ҳисобчӣ ба ҳисоб гирифта шуд- Ҳамагӣ аз рӯи қитъаи ҳисобгирӣ”** навишта шуда, дар қисми **Б** “**Ҷамъбаст бо назардошти даврзании назоратӣ”** – маълумотҳои сатри **“Ҷамъбаст бо назардошти даврзании назоратӣ- Ҳамагӣ аз рӯи қитъаи ҳисобгирӣ”** навишта мешаванд.

5. Фасли **«Ҷамъбасти натиҷаҳои даврзании назоратӣ»** дар ҷадвали 5-и дафтарчаи қайди дастурдиҳанда-назоратчӣ бо роҳи ҳисобкунии маълумоти дахлдор аз қисми «**Натиҷаҳои даврзании назоратӣ**»-и ҷадвали 3 дафтарчаи қайди ҳисобчӣ пур карда мешавад.

6. Шумораи умумии аҳолие, ки дар варақаҳои барӯйхатгирӣ навишта шудааст, дар сатри **“Ҷамъбасти бо назардошти даврзании назоратӣ”**-и сутуни 6 бояд ба ҷамъбасти сатри **“Ҳамагӣ аз тарафи ҳисобчӣ ба ҳисоб гирифта шудааст”**-и сутуни 6 ва ҷамъи шумораи

умумии ба ҳисоб гирифтанашудагон дар сутуни 5 “**Маълумоти натиҷаҳои даврзании назоратӣ**”-и ҷадвали 5 ва тарҳи шумораи умумии саҳван ба рӯйхат навишташудагони сутуни 1-и аз ҳамон чадвал баробар бошад.

7. Маълумотҳо оиди варақаҳои ҳамроҳӣ, шумораи маълумотномаҳои аз барӯйхатгирӣ гузаштан ба аҳолӣ дода шуда, бо роҳи ҳисоб кардани маълумотҳои мувофиқи ҷадвали 4 ба даст меоянд.

8. Маълумотҳоро аз рӯи ҳамаи қитъаҳои ҳисобгирӣ навишта, натиҷаҳоро тибқи нишондодҳо, ки дар банди 3 ва 4 ифода ёфтаанд, ҷамъбаст намуда, дастурдиҳанда-назоратчӣ ҷамъбастро аз рӯи ҳамаи қитъаи дастурдиҳӣ ҳисоб менамояд. (аз рӯи ҷадвали 4-и қисмҳои **А** ва **Б**).

Ба дуруст пур кардани ҳуҷҷат боварӣ ҳосил карда, дастурдиҳанда-назоратчӣ санаро гузошта, онро имзо мекунад.

## ҶАДВАЛИ 1. ТАЪМИНОТИ ҲИСОБЧИЁНИ АСОСӢ БО МАВОДҲОИ БАРӮЙХАТГИРӢ

| № т/т | Номгӯи маводҳо | Дастурдиҳанда-назоратчӣ аз мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ гирифтааст | Ба ҳисобчиёни қитъаи дастурдиҳӣ дода шудааст: | | | | | | | Аз ҳисобчиён қабул карда ба мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ супорида шудааст: | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | №1 | №2 | №3 | №4 | №5 | №6 | №7 | пуркар-да шуда | тоза | вайрон-шуда | ҳамагӣ |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 |
| 1 | Рӯйхати истиқоматкунандагони бино ва шароитҳои манзили аҳолӣ (шакли 1) | | | | | | | | | | | | |
| 2 | Рӯйхати шахсони муваққатан истиқоматкунандаи шаҳрвандони хориҷӣ (шакли 1-М) | | | | | | | | | | | | |
| 3 | Варақаи барӯйхатгирӣ (шакли 2) | | | | | | | | | | | | |
| 4 | Замима ба шакли 2 - Маъюбии шаҳрванди ва мушкилиҳо дар фаъолияти ҳаррӯза барои ҳар як шахс | | | | | | | | | | | | |
| 5 | Фонди манзил (шакли 3) | | | | | | | | | | | | |
| 6 | Варақаи ҳамроҳӣ (шакли 4) | | | | | | | | | | | | |
| 7 | Дафтарчаи қайди ҳисобчӣ дар маҳалҳои деҳот (шакли 5) | | | | | | | | | | | | |
| 8 | Дастурамал дар бораи тартиби гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2020 ва тарзи пур кардани ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирӣ | | | | | | | | | | | | |
| 9 | Маълумотнома оид аз барӯйхатгирӣ гузаштан | | | | | | | | | | | | |
| 10 | Рӯйхати манбаъҳои васоити зиндагӣ | | | | | | | | | | | | |
| 11 | Нома ба шахсоне, ки дар хона ёфтанашон душвор аст | | | | | | | | | | | | |
| 12 | Шаҳодатнома барои ҳисобчӣ | | | | | | | | | | | | |
| 13 | Лавозимоти канселярӣ | | | | | | | | | | | | |
| 14 | Ҷузвдон (Сумка) | | | | | | | | | | | | |
| 15 | Нақшаи схематикии қитъаи ҳисобгирӣ (деҳаҳои калон) | | | | | | | | | | | | |

# ҶАДВАЛИ 2. РӮЙХАТИ ҲИСОБЧИЁНИ ҚИТЪАИ ДАСТУРДИҲӢ

| Рақами қитъаи ҳисоб-чӣ | Ному насаби ҳисобчӣ | Вақти кори (оғоз ва анҷоми кор) | Синну сол | Маълумот | Ҷои кор ё таҳсилот, вазифаи ишғолнамуда; барои бекорон оё дар шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудааст | Суроғаи хона, телефони хизматӣ ва хона |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 1 | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| 6 | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| 7 | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |

## ҶАДВАЛИ 3. ҲАЙАТИ ҚИТЪАИ ДАСТУРДИҲӢ *
**(мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ пур мекунад)**

| Рақами қитъаи ҳисоб-гирӣ | Номи ҷамоати деҳот | Номи маҳалли аҳолинишин | Номи хиёбон, кӯча, майдон, гузаргоҳ, тангкӯча ва монанди инҳо | Рақа-ми бино (хона) | Рақа-ми квар-тира | Номгӯи муассиса, корхона, ки ба он хона тааллуқ дорад ё ному насаби соҳиби хона | Дар онҳо: | | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | шумораи биноҳо (хонаҳо) | шумораи аҳолӣ | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |

***) Аз тарафи мудири шуъбаи барӯйхатгирӣ дар асоси шакли 3, – нақшаи ташкилии ноҳиявӣ пур карда мешавад.**

## ҶАДВАЛИ 4. РӮЙХАТИ ҶАМЪБАСТӢ АЗ РӮИ ҚИТЪАИ ДАСТУРДИҲӢ

| Рақами қитъаи баҳисоб-гирӣ | Ном ва насаби ҳисобчӣ | Варақаҳои барӯйхатгирӣ тартиб дода шудаанд | Дар онҳо навишта шудаанд: | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | мардҳо | занҳо | ҳар ду ҷинс | аз он ҷумла муваққатан ғоиббудагон: | | |
| | | | | | | мардҳо | занҳо | ҳар ду ҷинс |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| | **А. Дар давраи барӯйхатгирӣ аз тарафи ҳисобчиён ба ҳисоб гирифта шудааст (аз 1 то 15 октябри соли 2020)** | | | | | | | |
| 1 | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | | |
| 5 | | | | | | | | |
| 6 | | | | | | | | |
| 7 | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| **Ҳамагӣ аз тарафи ҳисобчиён ба ҳисоб гирифта шуд** | | | | | | | | |

*Давомаш*

| Рақами қитъаи баҳисоб-гирӣ | Ном ва насаби ҳисобчӣ | Варақаҳои барӯйхатгирӣ тартиб дода шудаанд | Дар онҳо навишта шудаанд: | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | мардҳо | занҳо | ҳар ду ҷинс | аз он ҷумла муваққатан ғоиббудагон: | | |
| | | | | | | мардҳо | занҳо | ҳар ду ҷинс |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| | **Б. Ҷамъбаст бо назардошти даврзании назоратӣ** | | | | | | | |
| 1 | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | | |
| 5 | | | | | | | | |
| 6 | | | | | | | | |
| 7 | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| **Ҳамагӣ бо назардошти даврзании назоратӣ** | | | | | | | | |

**ҶАДВАЛИ 5. НАТИҶАИ ТАФТИШИ КОРИ ҲИСОБЧИЁН ДАР ДАВРАИ ДАВРЗАНИИ НАЗОРАТӢ**

(маълумотҳо танҳо аз рӯи квартираҳо ва манзилҳое навишта мешаванд. ки дар онҳо
шахсони ба ҳисоб гирифтанашуда ва хато навишташуда муайян карда шудаанд)

| Рақами қитъаи баҳисоб-гирӣ | Ному насаби ҳисобчӣ | Рақами рӯйхати истиқомат-кунанда-гони бино | № т/т шахси дар ҳудуди бино (сут. А-и рӯйхати истиқоматку-нандагони бино) | Аз тарафи ҳисобчӣ ҳангоми барӯйхатгирӣ, ба рӯйхат гирифта нашудааст (нафар) | | Аз тарафи ҳисобчӣ ҳангоми барӯйхатгирӣ дар рӯйхати истиқоматкунандагони манзил ва варақаҳои барӯйхатгирӣ хато навишта шудааст (нафар) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | ҳамагӣ | аз он ҷумла муваққатан ғоиббудагон: | ҳамагӣ | аз он ҷумла муваққатан ғоиббудагон: |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

| Рақами қитъаи баҳисобгирӣ | Ному насаби ҳисобчӣ | Рақами рӯйхати истиқоматкунандагони бино | № т/т шахси дар ҳудуди бино (сут. А-и рӯйхати истиқоматкунандагони бино) | Аз тарафи ҳисобчӣ ҳангоми барӯйхатгирӣ, ба рӯйхат гирифта нашудааст (нафар) | | Аз тарафи ҳисобчӣ ҳангоми барӯйхатгирӣ дар рӯйхати истиқоматкунандагони манзил ва варақаҳои барӯйхатгирӣ хато навишта шудааст (нафар) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | ҳамагӣ | аз он ҷумла муваққатан ғоиббудагон: | ҳамагӣ | аз он ҷумла муваққатан ғоиббудагон: |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

| Рақами қитъаи баҳисоб-гирӣ | Ному насаби ҳисобчӣ | Рақами рӯйхати истиқомат-кунанда-гони бино | № т/т шахси дар ҳудуди бино (сут. А-и рӯйхати истиқоматку-нандагони бино) | Аз тарафи ҳисобчӣ ҳангоми барӯйхатгирӣ, ба рӯйхат гирифта нашудааст (нафар) | | Аз тарафи ҳисобчӣ ҳангоми барӯйхатгирӣ дар рӯйхати истиқоматкунандагони манзил ва варақаҳои барӯйхатгирӣ хато навишта шудааст (нафар) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | ҳамагӣ | аз он ҷумла муваққатан ғоиббудагон: | ҳамагӣ | аз он ҷумла муваққатан ғоиббудагон: |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

Ҳамагӣ:

1. ба аҳолӣ маълумотнома оид аз барӯйхатгирӣ гузаштан дода шуд ..........___________
2. варақаҳои ҳамроҳӣ тартиб дода шуд (шакли 4)........................................____________

## III. МУЛОҲИЗА ВА ПЕШНИҲОДҲОИ ДАСТУРДИҲАНДА - НАЗОРАТЧӢ

Хоҳишмандем, тарафҳои мусбат ва манфии шароити корро дар қитъаҳои дастурдиҳӣ тасвир намоед, мулоҳиза ва эродҳои худро барои ташкили барӯйхатгирии аҳолӣ дар шӯъбаҳои барӯйхатгирӣ, оиди маводҳои канселярӣ, ки шумо истифода бурдед, душвориҳое, ки дар вақти пур кардани маводҳои барӯйхатгирӣ ба вуҷуд омаданд дарҷ намоед. Оё дар вақти гузоштани аломатҳо дар варақаҳои барӯйхатгирӣ душворӣ ба миён омада буд; кадом нофаҳмиҳо дар вақти пур кардани ҳуҷҷатҳои дигари барӯйхатгирӣ ва нишондодҳои онҳо ҷой доштанд. Барои ташкили дурусти барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2020 ва барномаи он пешниҳодҳои худро баён намоед.

______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

«________» ____________ соли 2020 __________________ (имзо)

Фармоиши № ______Адади нашр_____нусха
Ба чоп дода шуд «____»___________ соли 2020
РТНТ МКҲ Агентии омори назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон